*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

Таъмини амнияти озуқавории минтақа ҳамчун унсури ҷудонашавандаи бехатарии иқтисодии мамлакат ба ҳисоб рафта, дар қатори расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунони босуръат, ки ҳамчун ҳадафҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ муаррифӣ гардидаанд, накши беандоза муҳими худро дар пешрафти иқтисоди миллии мамлакат мебозанд. Новобаста аз оне, ки дар шароити ҳозира масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ на танҳо яке аз масъалаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад, муҳиммияти ин масъала дар сатҳи локалӣ (минтақа) коҳиш наёфта, баръакс рӯз аз рӯз яке аз масъалаҳои муҳими рушди иқтисоди минтақаҳо боқӣ мемонад. Зеро маҳз таъмини талаботи ҳаррузаи аҳолӣ бо маводи озуқаи худӣ аз рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо вобастагӣ дорад. Бо махсусгардонии рушди минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, ки ҳамчун ноҳияҳои иқтисодӣ муайян шудаанд такя намуда, на танҳо таъмини амнияти озуқавориро ба роҳ мондан мумкин аст, балки рушди минтақаҳоро ҳамчун комплекс (кластер)-и ҷудонашавандаи сиёсати аграрию иқтисодӣ дар оянда боз ҳам метавон тараққӣ дод. Маҳз ҳалли ҳамин ва дигар масъалаҳои бо ин мушкилотҳо алоқаманд, зарурати омӯзиши ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқавориро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи омӯзиши муаммои иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар ба миён меоварад. Ҳамаи тафсирот ва далелҳои дар боло зикршуда мувофиқати мавзӯи интихобкардаи диссертатсияро муайян намуда, мубрамӣ, рӯзмарра, аҳамияти амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз намудҳои асосии сиёсати ҳар як давлати соҳибистиқлол буда, худтаъминкунии озуқаворӣ ва таъмини ғизои хушсифат низ яке аз унсури ҷудонашавандаи таъмини амнияти озуқаворӣ, ки ҳамчун ҳадафи асосӣ ва самти стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар ҷумҳурии мо муаррифӣ гардидааст, ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ба ақидаи муаллиф, амнияти озуқаворӣ дар қатори таъмини мудофиаи мамлакат, таъмини сулҳу салоҳ

дар ҷомеа, бехатарии экологӣ, энергетикӣ, иттилоотӣ ва дигар намудҳои амнияти миллӣ яке аз унсурҳои асосии бехатарии давлат мебошад.

Дар қатори бартариятҳои дар автореферат овардашуда хубтар мешуд, агар муаллиф дар ҷадвали № 1 (саҳифаи 12), ки ба фарзияҳои илмии ташаккули консепсияи амнияти озуқаворӣ бахшида шудааст, ҳамзамон дигар олимони ватанӣ ва асарҳои онҳо, ки ба ин самт бахшида шуда буданд, оварда мавриди таҳлил ва бараси қарор медод.

Вале пешниҳоди баррасигардида, хусусияти маслиҳатӣ дошта ба сатҳ ва сифати автореферат таъсири манфии худро расонида наметавонад. Дар маҷмуъ, қайд кардан бомаврид аст, ки кори илмии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона ва бо пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд. Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта асосҳои назариявию амалии таъмини амнияти озуқавории минтақаро ифода менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзӯи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Исайнова Манижа Ҳисайновна арзандаи дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Тақриздиҳанда,
академики интитути иқтсодиёт ва
таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ Пиризода Ҷ.С.

Имзои Пиризода Ҷ.С.-ро тасдиқ менамоям:

Нозир ба кадрҳо Икромова М.Қ.

ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАҲҚИҚИ СИСТЕМАВИИ РУШДИ КИШОВАРЗИИ АИКТ · ИНСТИТУТ ЭКОНОМИКИ И СИСТЕМНОГО АНАЛИЗА РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА ТАСХН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ